**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

Диссертасияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович ба яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа бахшида шудааст. Аз муқаддимаи автореферати диссертатсия бар меояд, ки диссертант зимни таҳлил ва хулосабардорӣ аз адабиёти илмӣ хуб истифода кардааст. Диссертант барои воқеъабинона таҳлил намудани вазъи рушди муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб солҳои 1924-1991 дар баробари адабиёти илмӣ аз маводи зиёди бойгониҳои Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб, бойгонии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи бойгонии давлатии шаҳри Кӯлоб ҳамчун сарчашма истифода кардааст.

Муҳимияти диссертатсияи Маҳмадов И.М. дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал фаъолияти муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода дар бобати хуруҷи бемориҳои сироятӣ дар вилояти Кӯлоб, мубориза бо бемориҳои сироятӣ, нақши табибони ҳарбӣ дар таъсиси тибби муосир, таъсисёбии муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб, системаи омодасозии кадрҳои соҳаи тиббии минтақаи Хатлон, душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи тиб ва таъсиси сохторҳои тибби замонавӣ маълумоти муҳими таърихиро пешкаш намудааст.

Мазмуни диссертатсия пурра дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Доир ба мавзуи диссертатсионӣ 19 мақола навиштааст, ки аз он 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд аз чоп баровардааст.

Автореферати диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Маҳмадов И.М. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)» дар асоси сарчашмаҳои фаровони манбаъҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ ҳамчун тадқиқоти мустақил ва мукаммал донистa шавад, ки дар доираи он масъалаҳои мубрами илмӣ ҳаллу фасл гардида, барои таърихи халқи тоҷик аҳамияти калон дорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)» тибқи банди 53-и низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Номзади илмҳои таърих, ходими пешбари
шуъбаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии
Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии
фарҳанг ва иттилоот Ф. Шарифзода

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе кучаи Н.Қарабоев,
17 телефон: (+992 37) 2235884
Почтаи электронӣ: vfarhang98@gmail.com

Имзои н.и.т. Ф. Шарифзода – ро
тасдиқ менамоям Сардори нозири кадрҳои
Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии
фарҳанг ва иттилоот М. Холиқова

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

(23.11.2022)